# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D 050600 – Иқтисодиёт (6D 050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика)

Парвандаи аттестатсионии №18

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 19.02.2025, № 01

Барои сазовор донистани Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика).

Диссертатсияи Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол дар мавзуи «Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ба ҳимоя 20-уми ноябри соли 2024 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо, 10), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №11/шд таъсис дода шудааст, қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол 28-уми июли соли 1992 дар ноҳияи Темурмалик, вилояти Хатлон дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Соли 1998 ба синфи якуми МТМУ №12 ноҳияи Темурмалик қабул шуда соли 2009 бо баҳои хубу аъло онро хатм намудааст.

Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол соли 2010 пас аз хатми мактаби миёна ба факултети иқтисодиёт ва идоракунӣ дар соҳаи маорифи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дохил шуда, соли 2014 муассисаи номбурдаро бомуваффақият хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ соли 2016 ба шуъбаи магистратураи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2018 бо ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит хатм менамояд. Соли 2019 тибқи фармони ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 10-уми октябри соли 2019 ба ҳайси докторант (доктор PhD)-и шӯъбаи рӯзона аз рӯйи ихтисоси 6D050600- «Иқтисодиёт» дохил шуда, соли 2022 бомувафақият хатм намудааст. Аз моҳи августи соли 2015 то моҳи августи соли 2018 ба ҳайси омӯзгори кафедраи баҳисобгирӣ ва иқтисодиёти Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе, аз моҳи августи соли 2018 то моҳи феврали соли 2020 мудири кафедраи баҳисобгирӣ ва андози Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе, аз моҳи феврал то июли соли 2020 декани факултети технологияи иттилоотӣ ва хизматрасонии Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе, аз моҳи июли соли 2020 то моҳи майи соли 2022 муовини директор оид ба таълими Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе, аз моҳи июн то моҳи августи соли 2022 мудири шуъбаи илм ва робитаҳои хориҷии Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе, аз моҳи

июли соли 2020 то моҳи майи соли 2022 муовини директор оид ба таълими Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе, аз моҳи июн то моҳи августи соли 2022 мудири шуъбаи илм ва робитаҳои хориҷии Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе, аз моҳи августи соли 2022 то моҳи январи соли 2023 муовини директор оид ба илм ва равобити байналмилалии Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе, аз моҳи майи соли 2023 то моҳи августи соли 2024 ҷонишини директор оид ба корҳои таълими истеҳсолии Литсейи касбии алоқаи шаҳри Душанбе ва аз моҳи августи соли 2024 то ин ҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи милли Тоҷикистон кору фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи милли Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Зияева Манижа Давроновна** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи Иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

- **Шарифзода Баҳром Маҳмуд,** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент., Сарходими илмии шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ ;
- **Амиров Муҳаммадшариф Сабзаевич**, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи “Фаъолияти гумрукии Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон”.

Муассисаи пешбар: **Донишгоҳи Давлатии Кулоб ба номи А. Рудакӣ**.

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи Расулзода Л.Н.– муқарриз н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории **Донишгоҳи Давлатии Кулоб ба номи А. Рудакӣ** имзо шудааст, қайд шудааст, ки довталаби дараҷаи илмӣ Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол 10 адад интишори илмӣ, аз ҷумла 4 адад дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзуи «Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ҳамчун кори илмӣ - тадқиқотии мустақил ва баанҷомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои диссертатсияҳои номзадӣ, ки бо «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир дар шароити саноатикунонии босуръат, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки **Донишгоҳи Давлатии Кулоб ба номи А. Рудакӣ** дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда дорад:

А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст:

[1-М] Қурбонов Г.А. Фаъолгардонии равандҳои воридотивазкунӣ дар саноати хӯроквории Тоҷикистон: ҷанбаҳои молиявӣ [Матн] / Г.А. Қурбонов // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз». № 4 (93) 2021. – С. 148-152.

[2-М] Қурбонов Г.А. Зарурати такмили механизми молиявии рушди саноати хӯрокворӣ дар шароити муосир [Матн] / Г.А. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2021. №7.- С.124-130.

[3-М] Қурбонов Г.А. Сарчашмаҳои молиявии таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]/ Г.А.Қурбонов // Паёми молия ва иқтисод.Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. 2023. №3 (37). – С. 176-184.

[4-М] Қурбонзода А.А. Таҳлили раванди истеҳсолоти воридотивазкунанда дар корхонаҳои саноати хӯроквории Тоҷикистон // [Матн]/ А. А. Қурбонзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2024. №5. – С. 101-108.

Б) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:

[5-М] Қурбонов Г.А. Вазъи имрӯза ва дурнамои рушди саноати хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Г.А. Қурбонов // Тоҷикистон: иқтисод ва идора. Маҷаллаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.Душанбе. 2020 - №1. – С. 111-117.

[6-М] Курбонов Г.А. Пищевая промышленность Республики Таджикистан и его роль в обеспечении продовольственной безопасности: современное состояние и приоритетные наапрвления развития [Текст]/ Г.А. Курбонов // Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства: сборник научных трудов / под общей редацией д. э.н., профессора З.О. Адамановой. – Выпуск 7. - Симферополь: ИТ «АРИАЛ», - 2021. – С. 94-97.

[7-М] Қурбонов Г.А. Дастгирӣ ва ҳавасмандиҳои молиявии истеҳсолоти воридотивазкундаи саноати хӯрокворӣ асоси саноатикунонии иқтисоди

миллӣ [Матн] /  Г.А. Қурбонов  // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Саноатикунонии иқтисоди миллӣ: вазъи муосир, мушкилот ва дурнамои он» ( 2-майи соли 2023. ш. Душанбе.2023)- Душнабе: Матбаии ДМТ. - 2023. – С.44-53.
[8-М] Қурбонов Г.А. Мавқеи саноати хӯрокворӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар [Матн] /  Г.А. Қурбонов  / Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Саноатикунонии босуръат ва масоили амалигардонии он дар Тоҷикистон» (17 феврали соли 2023) – Душанбе, Матбааи ДМТ. - 2023. – С. 400-404.
[9-М] Қурбонов Г.А. Муҳиммияти механизмҳои молиявӣ-буҷетӣ дар раванди таъмини воридотивазкунии маҳсулоти хӯрокворӣ [Матн] /  Г.А. Қурбонов  // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ ДДМИТ, дар мавзӯи «Арзёбии ҳолати фаъолияти соҳибкории хурд ва миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ш. Душанбе, (6-уми майи соли 2023). – С. 155-162.
[10-М] Курбонов Г.А. Состояние пищевой промышленности Таджикистана: финансовые механизмы [Текст]/ Г.А. Курбонов // Инновационная парадигма экономических механизмов хозяйствования [Электроный ресурс]: Сборник научных трудов IX Международной научно-практической конференции / научн.ред. С.П. Кирильчук; редкол.:Г.А. Штофер, Н.А. Логунова. – Электрон.дан. – Симферополь: ИТ «АРИАЛ»,  - 2024. – С. 631-634

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд аз:

1. Шарифов З.Р.  доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи баҳисобгирии  бухгалтерӣ ва аудити  ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур  бо чунин эрод пешниҳод шудааст:

1. 1. Дар ҷадвали 3 ҳаҷми сармоягузориҳо ба намудҳои асосии маҳсулоти саноати хӯрокворпи Тоҷикистон дар соли 2022 оварда шудааст, хуб мешуд, ки омори сармоягузории ғайримустақим низ оварда шуда, мавриди таҳлил қарор дода мешуд.

1.2. Дар автореферати диссертатсия шарҳ ва тафсилоти тавсияҳо оид ба амалии натиҷаҳо, бахусус (банди 3-юм) возеҳ баён карда нашудааст, инчунин дар ин маврид мақсади муаллиф чандон равшан нагардидааст.

2. Сафаров Қ.С номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент  мудири  кафедраи молия ва фаъолияти бонкии  Донишгоҳи давлатии Данғара бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст:

2.1.Хуб мешуд, агар муҳаққиқ сатҳи мувозинати воридоту содироти маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворпи Тоҷикистонро, ки дар саҳифаи 19 афтореферат дар ҷадвали №4 оварда шудааст, бо диаграмма асоснок мекард.

2.2.Барои хубтар шудани сифати автореферати диссертатсия муҳаққиқро мебояд такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаро бо назардошти кишварҳои хориҷӣ муфассалтар меомӯхт натиҷаи таҳқиқот хело мусбӣ ба даст меомад.

3. Раҷабов Р.К. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо чунин камбудиҳо пешниҳод шудааст:

3.1.Дар адабиёти муосири илмӣ нисбати равишҳои назариявӣ-методии такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсоли воридотивазкунанда имрӯз фикру ақидаҳои зиёде мавҷуд мебошанд. Мутаасифона ҳангоми таҳқиқ ҳамкории давлат, соҳаҳои ҷудогона ва бахши хусусӣ, инчунин, тамоюлҳои минбаъдаи он аз назари муаллиф каме дур мондааст.

3.2.Дар диссертатсия тавсияҳои амалӣ ҷиҳати дастгирии давлатии таъминоти молиявии истеҳсоли воридотивазкунанда дар шароити муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ асоснок ва баҳо дода нашудааст.

4. Нусратзода М.Н. номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети Технологияҳои иттилоотӣ ва интелекти сунъии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст:

4.1.Дар саҳифаи 12-уми автореферат дар расми 1-уми оид ба фарзияи заминавӣ ва назариявии мафҳуми воридотивазкунӣ дар шароити муосирро дида баромадааст, аммо сохторҳои таркибии ин расм дар автореферат возеҳу равшан ба пуррагӣ кушода нашудаанд;

4.2. Ҷадвали 3-уми автореферат ба ҳаҷми сармоягузориҳо ба намудҳои асосии маҳсулоти саноати хӯрокворӣи Тоҷикистон дар соли 2022 бахшида шудааст, хуб мешуд, агар муаллиф дар тамоюли мазкур дигар зерсохторҳои маҳсулоти саноатиро низ мавриди баррасӣ қарор медод.

5.Асоев М.М. номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи идораи давлати ва иқтисоди милли АИДНПҶТ бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст:

5.1. Дар мавзуи диссертатсия ибораи «истеҳсолоти воридотивазкунанда» оварда шудааст, вале дар рисола қариб, ки гурӯҳбандии молҳои истеҳсолии воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ дида нашуда, самаранокии онҳо дар коҳишёбии қисмати воридотии молу маҳсулотҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда арзёбӣ нагардидааст.

5.2. Аз ҷониби муаллиф дар саҳифаи 14, автореферати диссертатсия гурӯҳбандии сарчашмаҳои молиявии саноати хӯрокворӣ дар шароити муосир оварда шуда, вале мушаххас оварда нашудааст, ки дар шароити кунунӣ кадоме аз ин сарчашмаҳои молиявӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили қабул ва самаранок мебошанд.

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда, эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- такмили ақидаҳои назариявӣ ва асоснок намудани баҳсҳои илмии намояндагони мактабҳои гуногуни иқтисодӣ, ошкорсозӣ ва асоснок намудани моҳияти асосии мафҳумҳои «воридот» ва «ивазкунӣ» ҳамчун категорияи иқтисодӣ баррасӣ шудааст;
- сарчашмаҳои асосии механизми молиявӣ ва гурӯҳбандии онҳо аз рӯи хусусият ва таъиноташон дар раванди такмили механизми таъмини молиявии саноати хӯрокворӣ дар шароити муосир муайян гардидааст;
- мавқеи механизми таъмини молиявӣ ва омилҳои асосии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ, инчунин коркарди чораҳои нави дастгириҳои давлатии молиявӣ асоснок карда шудааст;

- ҷараёни татбиқшавии механизмҳои таъмини молиявӣ ва ошкор намудани тавсифи истифодабарии механизмҳои қарзӣ, субсидиякунонӣ ва дигар механизмҳо ҳангоми таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи маҳсулоти саноати хӯрокворӣ муайян карда шудааст;

- таҳлили қиёсии истифодаи механизми молиявии давлатӣ бо назардошти нишондиҳандаҳои ба воридотивазкунӣ алоқаманд буда, ҳаҷми истеҳсол, истеъмол, миқдори маҳсулоти хӯрокворӣи воридшаванда, ҳаҷми сармоягузориҳо ва муайянсозии тавозуни воридоту содиротии маҳсулоту ашёи хоми саноати хӯрокворӣ иҷро гардидааст;

- коркарди методикаи ҳисоби самаранокии механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ, таҳияи модели иқтисодӣ-риёзӣ ваояндабинии раванди таъмини истеҳсолоти воридотивазкунанда ва дар заминаи ин пешниҳод намудани равиши стратегии такмили механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣи Тоҷикистон дар шароити муосир.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии рисолаи диссертатсионӣ дар васеъгардонии ҷанбаъҳои таҳқиқи илмию назариявии механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ зоҳир гардида, ҷиҳати ҷалби сармоягузории ватанию хориҷӣ, эҷоди ҳавасмандӣ, дастгирӣ ва ташаббусҳои нави давлатӣ метавонад заминаҳои боэътимод гузорад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои ба дастовардашудаи рисолаи диссертатсиониро дар фаъолияти амалии мақомотҳои давлатие, ки ба молиякунонӣ, инчунин таҳияву пешниҳоди дастгириҳои молиявии ба рушди соҳаи саноати хӯрокворӣи мамлакат равона карда шудаанд истифода намудан мумкин аст. Маводҳои таҳқиқ, методикаи муайянсозии самаранокии механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ, коррелятсияи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда метавонанд аз тарафи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои тобеи онҳо дар ҳамкорӣ бо мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳангоми таҳия ва татбиқи «Барномаи бехатарии маҳсулоти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023, «Барномаи рушди саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ва «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 мавриди истифода қарор дода шаванд.

Инчунин, хулосаҳои алоҳидаи асоснок карда шудаи диссертатсияро дар раванди омодасозии кадрҳои макотиби олии касбӣ аз рӯи фанҳои иқтисодиёти корхонаҳо, иқтисодиёти саноат, технологияи истеҳоли хӯрокворӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

Дар ҳама марҳилаҳои омодагӣ ва таҳияи пурраи диссертатсия, таҳияи нақшаи таҳқиқот, асоснокқунӣ, ҷамъоварии маълумот, коркарди маводи назариявӣ ва методӣ, мақсад ва вазифагузорӣ, таҳияи фарзияи нави илмӣ, методикаи ҳисоби самаранокии механизми молиявӣ, инчунин таҳияи равиши стратегии такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯроквории мамлакат бевосита бо иштироки инфиродии муаллиф гузаронида шудааст. Иштироки мустақилонаи муаллифро хулосаҳои дақиқу мушаххас оид ба мавзуи таҳқиқот ва таҳияи ақидаҳои асоснок карда шудаи аҳамияти назаривию амалидошта собит менамояд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 19 феврали соли 2025 қарори сазовор донистани Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шӯро 11 нафар (1 нафар бо тариқи маҷозӣ) иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор 11 нафар (1 нафар бо тариқи маҷозӣ), муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

Раиси
Шурои диссертатсионӣ
д.и.и., профессор Низамова Т.Д.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
н.и.и., дотсент Ашурзода А.Н.

Санаи барасмиятдарории хулоса 19 феврали соли 2025

ПРОТОКОЛИ

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-15 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

аз 19.02 .2025с. ш. Душанбе

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, №17/шд тасдиқ шудааст, 11 нафар иштирок доранд, аз онҳо 5 нафар (1 нафар д.и.и., профессор Қурбонзода М.Р. бо тарзи маҷозӣ) мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Касе, ки барои кушодани маҷлиси шуро розӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид, бетараф? Нест. Бо як овоз қабул шуд.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои доктаранти (PhD)-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол дар мавзуи «Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика)

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи Иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Зияева Манижа Даврoновна**

**Муқарризони расмӣ:**

- **Шарифзода Бахром Маҳмуд,** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Сарходими илмии шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ;
- **Амиров Муҳаммадшариф Сабзаевич**, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи "Фаъолияти гумрукии Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон".

**Муассисаи пешбар**: **Донишгоҳи Давлатии Кулоб ба номи А. Рудакӣ.**

Раис: Кӣ ҷонибдори рӯзномаи пешбинишуда аст, марҳамат овоз дода шавад. Бетараф - нест. Муқобил - нест. Якдилона тасдиқ карда шуд.

Сухан барои шинос намудани ҳозирин бо мундариҷаи асосии хуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи доктаранти (PhD) ба котиби илмии шуро, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ашурзода Ашур Нурулло дода мешавад.

Котиби илмӣ: Маълумотномаи Қурбонзода Абдулло Абдуҷалолро қироат мекунад.

Раис: Ба котиби илмӣ савол ҳаст? Савол нест. Сухан ба доктаранти (PhD) Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол барои маърӯза оид ба муҳтаво ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дода мешавад.

Қурбонзода А.А.: Баромад мекунад.

Раис: Кӣ ба Қурбонзода А.А. савол дорад? Марҳамат, аъзоёни Шурои диссертатсионӣ: д.и.и., дотсент Хоҷаев П.Д., д.и.и., профессор Рауфӣ А., д.и.и., профессор Бобоев О. ва д.и.и., и.в. профессор Фохаков А.С.

Қурбонзода А.А.: Ба саволҳо ҷавоб медиҳад.

Раис: Боз кӣ савол дорад? Савол нест? Кифоя. Сухани навбатӣ ба роҳбари илмии доктаранти (PhD) **Зияева Манижа Давроновна** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи Иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода мешавад.

Роҳбари илмӣ: **Зияева Манижа Давроновна** баромад мекунад (тақриз замима мегардад).

Раис: Сухан ба котиби Шурои диссертатсионӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ашурзода Ашур Нурулло барои шинос намудани ҳозирин бо тақризи муассисаи пешбар ва дигар тақризҳо, ки ба автореферати диссертатсия навишта шуда, ба шуро ворид шудаанд, дода мешавад.

Котиби илмӣ: қироат мекунад:

1. Тақризи муассисаи пешбар (замима мегардад).

2. Тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшуда (замима мегардад).

Раис: Ташаккур! Оид ба тақризҳои қироатгардида ба котиби шуро саволҳо ҳаст? Нест. Сухан ба доктаранти (PhD) Қурбонзода А.А. барои

ҷавоб додан ба эродҳои муассисаи пешбар ва тақризҳои ба автореферат воридгардида дода мешавад.

Қурбонзода А.А. Баромад намуда, ба эродҳои муассисаи пешбар ва эродҳои ба тақризҳо воридшуда ҷавоб мегардонад.

Раис: Ташаккур! Сухан ба муқарризи расмӣ - **Шарифзода Баҳром Маҳмуд,** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Сарходими илмии шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ дода мешавад.

Шарифзода Б.М.: Тақризро қироат мекунад (Тақриз замима мегардад).

Раис: Сухан ба доктаранти (PhD) Қурбонзода А.А барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

Қурбонзода А.А.: Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

Раис: Ташаккур! Сухан ба муқарризи расмӣ - **Амиров Муҳаммадшариф Сабзаевич**, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи "Фаъолияти гумрукии Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон" дода мешавад.

**Амиров М.С.**: Тақризро қироат мекунад (тақриз замима мегардад).

Раис: Ташаккур! Сухан ба доктаранти (PhD) Қурбонзода А.А. барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

Қурбонзода А.А.: Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

Раис: Ташаккур! Ба мубоҳиса мегузарем. Сухан ба аъзоёни Шурои диссертатсионӣ, ки аз тарафи шуро ҳамчун мутахассис оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда эътироф шудаанд, дода мешавад. Баромад намуданд: д.и.и., профессор Рауфӣ А., д.и.и., профессор Исайнов Ҳ.Р., ва д.и.и., профессор Низамова Т.Д.

Раис: Агар боз хоҳишмандон бошад, марҳамат. Хоҳишмандон нест? Кифоя.

Сухан ба доктаранти (PhD) барои ҷавоб додан ба муқарризони ғайрирасмӣ дода мешавад. Марҳамат!

Қурбонзода А.А.: Баромад намуда, ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ҷавоб мегардонад, ҳамзамон сухани ҷамбастиро қироат мекунад.

Раис: Ташаккур! Акнун мегузарем ба тартиби овоздиҳии пинҳонӣ. Барои гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ зарур аст, ки комиссияи ҳисобро интихоб намоем.

Чӣ хел пешниҳодҳо, аз рӯи шумора? 3 нафар. Марҳамат! Зид, бетараф нестанд! Марҳамат! Мушаххас киҳо? Пешниҳод шуд, ки ба комиссияи ҳисоб аъзоёни Шурои диссертатсионӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исайнов И.Р., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Рауфи А. ва доктори илмҳои техникӣ, и.в. профессор Фохаков А.С. пешниҳод карда шаванд.

Дигар пешниҳодҳо нест? Нест. Кӣ тарафдори ҳайати комиссияи интихобӣ мебошад, марҳамат овоз диҳад. Тарафдор 11, Зид - нест. Бетараф - нест. Якдилона қабул шуд. Ташаккур!

Марҳамат! Гурӯҳи комиссияи ҳисоб хоҳишмандам ба вазифаи худ шурӯъ намоянд. (Овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад).

Раис: Сухан ба раиси комиссияи ҳисоб доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Рауфӣ А. дода мешавад. Марҳамат!

Рауфӣ А: Ташаккур! Муҳтарам раис! Муҳтарам аъзои Шурои диссертатсионӣ! Иҷозат диҳед суратҷаласаи №1 ҷаласаи комиссияи ҳисоб аз 19 феврали соли 2025, ки аз тарафи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015 интихоб шудааст, ба саҳми шумо расонам. Комиссияи овоздиҳӣ дар ҳайати 3 нафар: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исайнов И.Р., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Рауфи А. ва доктори илмҳои техникӣ, и.в. профессор Фохаков А.С. таъсис дода шуда буд. Комиссияи интихобшуда барои ҳисоби овозҳои пинҳонӣ оид ба додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ба Қурбонзода А.А мебошад.

Дар маҷлис иштирок доштанд: 11 нафар аъзои Шуро (1 нафар бо тариқи маҷозӣ), докторони илм аз рӯйи соҳаи дар диссертатсия баррасишаванда 5 нафар. Варақаҳои интихобии тақсимшуда 10 адад (1

нафар бо тариқи маҷозӣ), варақаҳои интихобии тақсимнашуда нест, варақаҳои бекоршуда нест.

Натиҷаи овоздиҳӣ оид ба сазовор донистани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ба Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол чунин аст. Тарафдор – 11 нафар, бетараф – нест, варақаҳои бекор – нест.

Раис: Ташаккур! Кӣ тарафдори он ки протоколи комиссияи ҳисоб тасдиқ карда шавад, марҳамат, овоз диҳед. Тарафдор – 11 нафар, зид - нест, бетараф - нест. Якдилона қабул шуд. Ташаккур.

Мутобиқи дастурамали КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мо ба баррасии лоиҳаи хулосаи Шурои диссертатсионӣ мегузарем, ки дар оғози ҷаласа ба ҳамаи аъзоёни шуро тақсим шуда буд. Чӣ гуна таклифҳо мешаванд? Биёед, муҳокима мекунем. (Аъзоёни шуро эродҳо ва иловаҳои худашонро баён мекунанд, муҳокима меравад). Кӣ тарафдори он аст, ки хулоса дар маҷмуъ қабул карда шавад, хоҳиш мекунам овоз диҳед. Хулосаи шуро якдилона дар таҳрири зерин қабул мегардад.

Аъзоёни шуро: Бо назардошти пешниҳодҳо қабул карда шавад.

Раис: Кӣ ҷонибдори бо дарназардошти пешниҳодҳо қабул гардидани хулосаи Шурои диссертатсионӣ аз рӯйи диссертатсияи Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол мебошад, марҳамат овоз диҳед. Муқобил - нест, бетараф - нест. Якдилона қабул карда шуд.

Иҷозат диҳед, қарори Шурои диссертатсиониро барои ҳимояи Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ироа намоям;

ҚАРОРИ

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

аз 19 феврали соли 2025, № 1 ш. Душанбе

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсия дар мавзуи «Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика), тақризи роҳбари илмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи Иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Зияева Манижа Давроновна**, тақризи муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А.Рудакӣ, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: **Шарифзода Бахром Маҳмуд,** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Сарходими илмии шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, **Амиров Муҳаммадшариф Сабзаевич**, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи "Фаъолияти гумрукии Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон" ва баромадҳои мутахассисон оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда д.и.и., профессор Рауфӣ А., д.и.и., профессор Исайнов Ҳ.Р. ва д.и.и., профессор Низамова Т.Д. Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзоёни Шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол.

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол дар мавзуи «Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳо тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамояд.

3. Ба Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол бо дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) сарфароз гардонида шавад. Кӣ тарафдори қарори шурои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид - нест, бетараф - нест. Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси Шуро: иҷозат диҳед доктаранти (PhD)-ро барои бомуваффақият ҳимоя намудани диссертатсия ва сарфароз гаштан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) табрик намоям ва ба ҳамаи аъзоёни Шуро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон мешавад.

Раиси Шурои диссертатсионӣ
д.и.и., профессор Низамова Т.Д.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ
н.и.и., дотсент Ашурзода А.Н.

19.02.2025.

Мухри муассиса

# ҚАРОРИ

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

аз 19 феврали соли 2025, № 1 ш. Душанбе

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсия дар мавзуи «Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика), тақризи роҳбари илмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи Иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Зияева Манижа Давроновна**, тақризи муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рудакӣ, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: **Шарифзода Бахром Маҳмуд,** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Сарходими илмии шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, **Амиров Муҳаммадшариф Сабзаевич**, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи "Фаъолияти гумрукии Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон" ва баромадҳои мутахассисон оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда д.и.и., профессор Рауфӣ А., д.и.и, профессор Исайнов Ҳ.Р. ва д.и.и., профессор Низамова Т.Д. Шурои диссертатсионии 6D.KOA-015 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзоёни Шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол.

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол дар мавзуи «Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳо тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамояд.

3. Ба Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол бо дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) сарфароз гардонида шавад. Кӣ тарафдори қарори шурои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид - нест, бетараф - нест. Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси Шуро: иҷозат диҳед доктаранти (PhD)-ро барои бомуваффақият ҳимоя намудани диссертатсия ва сарфароз гаштан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) табрик намоям ва ба ҳамаи аъзоёни шуро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии Шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон мешавад.

Раиси Шурои диссертатсионӣ
д.и.и., профессор — Низамова Т.Д.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ
н.и.и., дотсент — Ашурзода А.Н.

19.02.2025.

Мухри муассиса